Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш.
Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14,
www.tgfeu.tj)

Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна дар мавзуи "Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси: 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)**

Дар ҳоли ҳозир, сарфи назар аз аҳамияти ҷиддии иҷтимоию иқтисодӣ доштани фаъолияти эҳсонкорӣ, ин масъала дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан мавриди таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши ҷанбаҳои иқтисодии фаъолияти эҳсонкорӣ, аниқ кардани нақши он дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инчунин мушаххас кардани хусусияти хизматрасонӣ дар доираи ин фаъолият, мубрамӣ ва зарурати мавзуи интихобшударо нишон медиҳад.

Баррасии сарчашмаҳои илмӣ оид ба падидаи эҳсонкорӣ нишон дод, ки саволҳои зиёде боқӣ мондаанд, ки рушди минбаъдаро тақозо мекунанд. Аз ҷумла, муаммоҳои муайян кардани сохторҳои институтсионалӣ ва ташкилии эҳсонкорӣ, нақши захираҳои молиявию иқтисодии он, навъбандии ин фаъолият, самтҳои навсозии падидаи эҳсонкорӣ, асосноккунии назариявӣ ва амалии моҳияти эҳсонкорӣ ҳамчун институте, ки устувории сохтори иҷтимоию иқтисодии ҷамъият ва амнияти онро таъмин менамояд, ҳамоно ба қадри кофӣ баррасӣ нашудаанд.

Дар рафти омӯзиши адабиёти илмӣ, таҳлили маводҳои озмоишӣ ва амалияи фаъолияти субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

фаъолияти эҳсонкории соҳибкорони ватанӣ ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот муайян ва тарҳрезӣ карда шуданд.

Дар боби якум, ки “Асосҳои назариявӣ ва моҳияти иҷтимоию иқтисодии фаъолияти эҳсонкорӣ” ном гирифтааст, моҳияти фаъолияти мазкур ҳамчун омили бартарафсозандаи мушкилоти иҷтимоӣ, мафҳум ва таҳаввулоти он, муҳтавои иқтисодию иҷтимоии ин фаъолият ва таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба эҳсонкорӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки ба “Таҳлили рушди фаъолияти эҳсонкорӣ дар раванди ташаккули иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта” бахшида шудааст, масоили марбут ба ташаккули иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта дар Тоҷикистон, сиёсати давлатӣ ва саҳми Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули механизми татбиқ ва рушди эҳсонкорӣ баррасӣ гардида, таҳлили таркибии фаъолияти эҳсонкорӣ дар вилояти Суғд анҷом дода шудааст.

Дар боби сеюми таҳқиқот, ки ба “Мукаммалгардонии механизми фаъолияти эҳсонкорӣ дар вилояти Суғд” бахшида шудааст, институтсионализатсияи фаъолияти эҳсонкорӣ ва ташаккули институтҳои иҷтимоӣ, фаъолияти босамари субъектҳои фаъолияти эҳсонкорӣ ва рушди онҳо дар оянда баррасӣ гардида, иқтидори фаъолияти эҳсонкорӣ ва дурнамои рушди он ҳисоб карда баромада шудааст.

Дар шароити имрӯза мавзуи интихобшуда актуалӣ маҳсуб ёфта натиҷаҳои назарраси дар автореферати диссертатсия овардашуда қобили дастгирӣ мебошанд.

Аммо бо баробари муваффақиятҳои дар автореферат ҷойдошта, камбудиҳое низ ҷой доранд, ки агар муаллиф аҳамияти бештар медод, сифати таҳқиқот боз ҳам беҳтар гардонида мешуд:

1. Иртиботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ” бо фаъолияти эҳсонкорӣ” муайян карда нашудааст;
2. Робитаи мутақобила ва саҳми эҳсонкорон дар ғанӣ гардонидани Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар намерасад.

Новобаста аз ин боиси қайд аст, ки автореферати диссертатсияи Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна дар мавзӯи: «Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси: 6D050611– Хизматрасонӣ дар соҳаи илм маориф ва иҷтимоиёт, ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси: 6D050611– Хизматрасонӣ дар соҳаи илм маориф ва иҷтимоиёт, мебошад.

Муқарриз,
д.и.и., профессори кафедраи
идоракунии давлатӣ ва маҳаллии ДБССТ Ҷурабоев Ғ.

Имзои Ҷурабоев Ғ. ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.